# IMPROVING MIGRATION MANAGEMENT IN THE SILK ROUTES

Migrant Resource Centre
Tajikistan

March 2021

МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ МУҲОҶИРОН

MIGRANT RESOURCE CENTRE

**Маблағгузор:** Иттиҳоди Аврупо

**Ташкилоти тадбиққунанда:** Маркази Байналмилали Рушди Сиёсати Муҳоҷират

**Муҳлати иҷро:** то 31 декабри соли 2021

## МАҚСАДИ ЛОИҲА

Ҳадафи умумӣ дар доираи лоиҳаи “Такмили идоракунии муҳоҷират дар кишварҳои Роҳи Абрешим” иборат аз баланд бардоштани имконоти рушди муҳоҷират ва ҳаракат дар минтақаи Роҳи Абрешим, ҷалби таваҷҷӯҳ ба самти қувваи корӣ ба сӯи кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, муҳоҷират ва ҳаракат бо эҳтироми комили ҳуқуқҳои инсон ва ҳимояи муҳоҷирон.

Ҳадафҳои мушаххас барои Тоҷикистон:

- такмил додани идоракунии муҳоҷират ва мобилӣ тавассути ташкили Маркази масъулиятнок, муассир ва устувори захиравӣ барои муҳоҷирон (МЗМ)
- коҳиш додани осебпазирӣ ва мушкилоте, ки муҳоҷирон ҳангоми кор ва зиндагӣ дар хориҷа дучор меоянд, тавассути додани иттилоот ва маслиҳатҳои зарурӣ, саривақтӣ ва боэътимод, инчунин тавсияҳо оид ба масъалаҳои муҳоҷират

## ФОИДАБАХШОНИ ЛОИҲА

Гурӯҳҳои мақсаднок аз мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистон вазифадоранд, ки дар муайян намудани нақш ва масъулият барои татбиқи сиёсати муҳоҷират, барномаҳо ва хидматҳо нақши калидӣ доранд.

Шарикони асосӣ инҳоянд:

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (ВММваШҒ) -и Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хадамоти муҳоҷират
- Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон
- Агентии шуғл дар хориҷа
- Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ
- Литсейҳои касбӣ ва техникӣ
- Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор дар хориҷа



Funded by the European Union

Implemented by ICMPD International Centre for Migration Policy Development

# САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ:

- Расонидани кӯмак ба шахсони мансабдоре, ки дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар сохторҳои марбутаи давлатӣ, барои таҳия ва тавсеаи паҳн намудани барномаҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ дар байни аҳолӣ кор мекунанд
- Гузаронидани маъракаҳои огоҳӣ, интишори маводи иттилоотӣ, таълимӣ ва коммуникатсионӣ барои пешбурди муҳоҷирати бехатар, муназзам ва мунтазам
- Вусъат ва таҳкими иттилоот дар бораи омӯзиши пеш аз сафар, ки аз ҷониби сохторҳои дахлдори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ гузаронида мешаванд ва ба диверсификатсияи чараёни муҳоҷират бо дарназардошти мундариҷаи беҳтаршуда ва пешниҳоди ин иттилоот ба муҳоҷирони меҳнатӣ диққати махсус дода ин равандро зери назорат мегиранд
- Гузаронидани тренингҳо, форумҳо, мизҳои мудаввар оид ба муҳоҷират дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ
- Эҷоди робитаҳо ва шарикӣ бо мақомотҳои дахлдор дар ҳукумат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, донишгоҳҳо, сафоратхонаҳои хориҷӣ, васоити ахбори омма ва ҷомеа барои мусоидат ба муҳоҷирати бехатар, муназзам ва мунтаззам ва таъмини ҳифз ва некӯаҳволии муҳоҷирон



## Нақш ва вазифаҳои МЗМ

1. Таҳияи заминаи дониш дар бораи масъалаҳои муҳоҷират бо муҳоҷирони эҳтимолӣ, ки ба хориҷа мераванд ва ба Ватан бармегарданд, аз ҷумла модулҳои пеш аз сафар
2. Баланд бардоштани иқтидори кормандони вазорат, ки дар омӯзиш ва машварати пеш аз сафар барои муҳоҷирони баргашта ҷалб карда шудаанд, барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ
3. Таҳияи барномаҳои корӣ барои иттилоотонии аҳолии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷират, аз ҷумла тавассути мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ
4. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеъа дар бораи муҳоҷират, тавассути васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва инчунин тариқи гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ
5. Муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷонибҳои манфиатдор дар самти таҳияи механизми бозравонии муҳоҷирон,аз ҷумла барои таълими касбӣ ва дастгирии онҳо оид ба масъалаҳои ҳамгирой ва ғайра

## Сохтори Лоиҳа

МЗМ якҷоя бо ВММваШҒ ва МБРСМ таъсис ва идора карда мешавад. Дар зери назорат ва роҳнамоии ВММваШҒ, МЗМ дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст ва бо марказҳои омадагӣ ва машваратӣ пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор дар хориҷаи Хадамоти муҳоҷират ҳамкорӣ мекунад.

## ТАМОС

шаҳри Душанбе, Тоҷикистон
кучаи Борбад 71, ошёнаи 5
info@mrc-tajikistan.org
www.mrc-tajikistan.org